«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____________Ғафурзода А.Д.
«____» __________ соли 2022

# ХУЛОСАИ
## кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзуи "Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигоҳи геополитикӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ дар кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

Дар давраи омода гардидани диссертатсия Музафарзода Фазлиддин унвонҷӯи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёфт. Музафарзода Фазлиддин соли 2018 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Сиёсат ва идораи давлатӣ» ва бо касби «Сиёсатшинос» хатм намудааст (Дипломи ДТО № 0222380). Айни замон ба сифати муаллими калони кафедраи идоракунии давлатӣ ва ҳуқуқи иқтисодии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намуда истодааст.

Имтиҳони номзадиро аз фанни таърихи фалсафаи илм 5 ноябри соли 2020, бо баҳои 4 (хуб), супоридааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои фалсафа, профессор Хидирзода Махфират Умар.

Диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар ҷаласаи васеъи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия шудааст. Дар раванди муҳокимаи диссертатсия иштирок намуданд: номзади илмҳои сиёсӣ Саидамирова Ф.Ш, доктори илмҳои фалсафа, профессор Хидирзода М.У., доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Ҷононов С., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Комилбек А.Ё., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Тураева З., номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҷабов Ф.Н., номзади илмҳои филологӣ, дотсент Додихудоев Р.М., номзади илмҳои таърих, дотсент Карамалишоев К., номзади

илмҳои таърих, дотсент Мамадазимов А.А., номзади илмҳои таърих, дотсент Ҷобир Р.Ф., номзади илмҳои таърих, дотсент Меҳроҷиддини Н., номзади илмҳои педагоги, дотсент Мавлоназаров С.С., коргузори кафедра Мамадризобекова К. ва дигар устодон.

Кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертатсияи Музафарзода Фазлиддинро муҳокима ва баррасӣ намуда, хулосаҳои зеринро пешниҳод намудаанд:

Диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини замони муосир бахшида шуда, дар он паҳлуҳои гуногуни омузиши масъалаи манфиатҳои миллӣ, роҳу воситаҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаст.

Муаллиф дар таҳқиқоти худ масъалаи низоми нави ҷаҳонӣ ва таъсири он ба осебпазирии манфиатҳои миллиро таҳқиқ намуда, раванди мазкурро тахдиди мухимтарин ба манфиатҳои давлатҳои рӯ ба инкишоф ва давлатҳои қафомонда медонад. Аз ин хотир, низоми нави ҷаҳониро ҳамчун таҳдид ба манфиатҳои давлатҳои миллӣ ҳисобида, чунин таҳқиқ намудааст, ки он ба хотири аз байн бурдани сарҳадҳо, истиқлолияти давлатӣ ва умуми гардонидани манфиатҳои миллии давлатҳои миллӣ мебошад. Ташаббускори асосии бавуҷудории низоми навин, ки давлатҳои қудратманд маҳсуб мешаванд, созмон ёфтани низоми нави ҷаҳониро дар доираи манфиатҳои миллии хеш дидан мехоҳанд, ки он боиси аз байн рафтани манфиатҳои миллии давлатҳои қафомонда ва давлатҳои рӯ ба инкишоф мегардад. Аз байн рафтани манфиатҳои миллии ин зумра давлатҳо барои онхо арзиш надорад, зеро нерӯҳои сиёсӣ дар амалӣ сохтани манфиатҳои худ дар минтақаҳои олам аз омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, нажодию миллӣ ва динию мазҳабӣ самаранок истифода мебаранд. Агар тафаккури сиёсӣ ва маданияти сиёсии ҷомеа дар кишварҳои олам дар сатҳи баланд қарор дошта бошад, ба саҳнаи бархӯрди манфиатҳо қарор гирифтани ин ва ё он давлату минтақа имконият нахоҳад дод. Чунин тарзи баррасии масъала ба муаллиф имконият додааст, ки равандҳои сиёсии низоми нави ҷаҳониро яке аз субъектҳои хатарноки замони муосир барои давлатҳои миллии рӯ ба инкишоф муайян намояд. Ин аст, ки зербобҳои диссертатсия ба таҳқиқи манфиатҳои миллӣ ва хавфу хатарҳои низоми нави ҷаҳонӣ бахшидашуда, ошкор карда шудааст.

Дар диссертатсияи мазкур бо мисолҳои мушаххас роҳу воситаҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ нишон дода шудааст. Инчунин, муаллиф барои асоснок намудани фарзияҳои худ натиҷаҳои илмии таҳқиқоти олимони соҳаро ба таври фаровон истифода намудааст. Адабиёти илмии дар

рафти таҳқиқот таҳлилгардида пурра ба омӯзиши масъалаҳои гуногуии манфиатҳои миллӣ бахшида шудааст. Тавсияҳои амалии муаллиф хеле муҳим ва саривақтӣ мебошанд. Махсусан, масъалаҳои роҳу виситаҳои ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити равандҳои сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ хеле муҳим мебошад.

Дар диссертатсияи мазкур бо дарназардошти равандҳои сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ, махсусан равандҳои глобализатсионӣ солҳои охир масъалаи ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити зуҳури таҳдиду хатарҳои ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар диссертатсия дар заминаи таҳлилу баррасии тағйирпазирии ҷомеа хусусиятҳои муҳими ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар шароити муосир муайян карда шудааст. Таҳдидҳои муосири равандҳои низоми нави ҷаҳонӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар заминаи таҳлилу баррасии онҳо шаклҳои зоҳиршавии онҳо муайян карда шудааст. Заминаҳои ташаккулёбии муборизаҳо бар зидди ин гуна таҳдидҳо муайя гардида, таъсири онҳо ба манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Зарурат ва муҳиммияти ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди бемайлони равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ нишон дода шудааст.

Маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои сиёсӣ, идоракунии давлатӣ, амнияти миллӣ, сотсиология ва равандҳои сиёсӣ дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ ва дигар барномаҳои давлатӣ метавонад истифода шавад. Хулосаҳо ва натиҷаҳои диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳу воситаҳои ҳифзи он заминаҳои илмию назариявӣ фароҳам меорад. Тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва донишгоҳҳою донишкадаҳо дар самти баланд бардоштани маърифати сиёсии ҷавонону шаҳрвандон метавонанд истифода бурда шаванд.

## ИНТИШОРОТИ ДОВТАЛАБ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

### I. Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

**1 - М.** Музафарзода, Ф. Таснифи манфиатҳои миллӣ ва моҳияти онҳо [Матн] / Ф. Музафарзода, Н. Д. Маҳмадизода // Ахбори иниститути фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019. - №2. - С. 248-254 ISSN 0235 – 005X

**2 - М.** Музафарзода, Ф. Таҳдидҳои нави ҷаҳонӣ ва таъсири онҳо ба манфиатҳои миллӣ [Матн] / Ф. Музафарзода, Н. Д. Маҳмадизода // Идоракунии давлатӣ. – 2020. - №1. (45), - С. 54-61 ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

**3 - М.** Музафарзода, Ф. Мақом ва нақши равандҳои сиёсӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // Идоракунии давлатӣ. – 2020. -№ 4/1 (48), - С. 252 – 266 ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

**4 - М.** Музафарзода, Ф. Патриотизми миллӣ ва мафкураи космополитикӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // Идоракунии давлатӣ. – 2020. - № 2 (51), - С. 305 – 316 ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

**5 - М.** Музафарзода, Ф. Айнияти сиёсӣ: самтҳои асосии ташаккул ва инкишофи он [Матн] / Ф. Музафарзода, Абдулҳақов М.М. // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2020. - №3.(011) - С. 120-123 ISSN 2076-2569

**6 - М.** Музафарзода, Ф. Таъсири сиёсии низоми нави ҷаҳонӣ ба манфиатҳои миллии давлат [Матн] / Ф. Музафарзода. // Идоракунии давлатӣ. – 2020. - №1 / (50), - С. 246 – 256. ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

**7 – М.** Музафарзода, Ф. Амният кафили устувории стратегияи давлатдорӣ [Матн] /Ф. Музафарзода // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. - №2. (014), - С. 151-155 ISSN 2076-2569

**8 - М.** Музафарзода, Ф. Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи субот ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ [Матн] / Ф. Музафарзода, Р.Р. Каримов // Идоракунии давлатӣ. - 2022. - № 4/2 (54), - С. 325 – 330 ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

**9 - М.** Музафарзода, Ф. Рисолати Пешвои миллат – Эмомалӣ Раҳмон дар пойдории сулҳ ва барқароршавии манфиатҳои миллӣ [Матн] / Ф. Музафарзода, М.У. Хидирзода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. -№ 2 (56), - С. 250 – 260 ISSN 2664-0651 (Print), ISSN 2664-0651(Online)

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар нашриёҳои дигар чоп шудаанд:**

**10 - М.** Музафарзода, Ф. Равандҳои глобализатсионӣ ва таъсири онҳо ба манфиатҳои Тоҷикистон [Матн] / Ф. Музафарзода // "Ҷаҳонишавӣ ва таҳдидҳои нави замони муосир: Маводи мизи гирди ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш. Душанбе, 05 декабри соли 2019)". - Душанбе, 2019. - С. 354-359.

**11 - М.** Музафарзода, Ф. Омилҳои асосии гаравидани ҷавонон ба гурӯҳҳои «террористӣ ва экстремистӣ. [Матн] / Ф. Музафарзода. // "Мубоиза ба идеологияи терроризм ва экстремизм дар ҷаҳони муосир". - Душанбе, 2019. - С. 302 - 306.

**12 - М.** Музафарзода, Ф. Роҳҳои пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф. Музафарзода // "Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". –Душанбе, 2020. - №1. - С. 43-53

**13 - М.** Музафарзода, Ф. Таъсири сиёсии мондиализм ба манфиатҳои миллии давлат [Матн] / Ф. Музафарзода // "Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". - Душанбе, 2020. - №2. - С. 26-32

**14 - М.** Музафарзода, Ф. Низоми нави ҷаҳонӣ ва хусусиятҳои муҳими он [Матн] / Ф. Музафарзода // "Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". - Душанбе, 2021. - №3. - С. 47- 54.

**15 - М.** Музафарзода, Ф. Космополитизм ва таъсири сиёсии он ба манфиатҳои миллӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // "Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". - Душанбе, 2021. - №3. - С. 41-47.

**16 - М.** Музафарзода, Ф. Манфиатҳои миллӣ ва хусусиятҳои он дар раванди таҳавулоти низоми идоракунии давлатӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // Маводҳои конф. байнал. "Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он" 5-6 март. – Душанбе, 2021. - С. 325-331.

**17 - М.** Музафарзода, Ф. Мизбонони ҷаҳон ва асрори ҳукумати ҷаҳонӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // Маводҳои конф. ҷумҳ. "Низоми нави ҷаҳонӣ". 16 апрел. – Душанбе, 2021. С. 72-79.

**18 - М.** Музафарзода, Ф. Коррупсия ва хатари он ба манфиятхои миллӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // "Масъалаҳои актуалии равандҳои сиёсии Тоҷикистон". (Маҷмуаи мақолахои илмию таҳқиқотӣ). Қисми IX. - Душанбе, 2021. С. 131-143.

**19 - М.** Музафарзода, Ф. Қудрати сиёсӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар раванди идораи давлатӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // Маводҳои конф. ҷумҳ. "Низоми нави ҷаҳонӣ". 16 апрел – Душанбе, 2021. - С. 93-100.

**20 - М.** Музафарзода, Ф. Равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ ва эҳтимолиятҳои таҳдид ба истиқлолияти Тоҷикистон [Матн] / Ф. Музафарзода. // Маводхои конф. ҷумҳ. "Масъалаҳо ва роҳу воситаҳои таҳким ва такмили истиқлолияти Тоҷикистон". – Душанбе, 2021с. - С. 284-297. ISBN 978-99985-58-7,5-5

**21 - М.** Музафарзода, Ф. Ҳифзи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди низоми нави ҷаҳонӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // "Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон". - Душанбе, 2021. - №4. - С.24- 29.

**22 - М.** Музафарзода, Ф. Дурнамои манфиатҳои миллӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир [Матн] / Ф. Музафарзода, У. Ҳусейнов // “Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. - Душанбе, 2021. - №4. - С. 7- 11.

**23 - М.** Музафарзода, Ф. Манфиатҳои миллӣ ва шаклгирии он дар таҳияи сиёсати давлатӣ [Матн] / Ф. Музафарзода, Х. Маҷонов // Маводҳои конф. ҷумҳ. “Низоми нави ҷаҳонӣ”. 21-24 апрел. - Душанбе 2021. - С. 281- 285.

**24 - М.** Музафарзода, Ф. Ҳимояи ҳуқуқҳои инсон мақсади асосии идораи давлати мутамаддин [Матн] / Ф.Музафарзода, П.Музафарзода // “Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. - Душанбе, 2021. - №5. – С. 40- 46.

**25 - М.** Музафарзода, Ф. Пешвои ваҳдатофари тоҷикон: роҳнамо ба суи музаффариятҳо [Матн] / Ф. Музафарзода // “Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. - Душанбе, 2021. - №5. – С. 40- 46

**26 - М.** Музафарзода, Ф. Рушди маориф дар даврони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф. Музафарзода, Ҳусейнов У // Маводҳои конф. ҷумҳ. “Нақши илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар иқтисодиёти миллӣ” 15 ноябр. –Душанбе, 2021. - С. 293-297

**27 - М.** Музафарзода, Ф. Аҳамият ва мавқеи геополитикии кӯҳистони тоҷик дар шаклгирии низоми нави ҷаҳонӣ.[Матн] / Ф. Музафарзода // Маводҳои конф. байнал. “Идоракунии зиддибуҳронӣ: таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он” // 25-26 ноябр. - Душанбе, 2021. - С. 265-272

**28 - М.** Музафарзода, Ф. Ҳифзи манфиатҳои миллӣ дар раванди идоракунии буҳрони сиёсӣ [Матн] / Ф. Музафарзода, Қуватзода Ҳ. А. // Маводҳои конф. байнал. “Идоракунии зиддибуҳронӣ: таҳлил, баррасӣ ва ҷустуҷӯи механизмҳои бартарафсозии он” 25-26 ноябр. – Душанбе, 2021. - С. 221-229

**29 - М.** Музафарзода, Ф. Нақши Пешвои миллат дар татбиқи манфиатҳои миллӣ [Матн] / Ф. Музафарзода // Маводҳои конф. ҷумҳ. “Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва рӯшди давлатдории миллӣ” 20 сентиябр. – Душанбе, 2021. - С. 94-98

**30 - М.** Музафарзода, Ф. Айнияти сиёси: самтҳои асосии ташаккул ва инкишоф. / Монография. - Душанбе, 2021. 96 с.

**31 - М.** Музафарзода, Ф. Зарурати таърихии ба майдони сиёсӣ ворид гардидани Эмомалӣ Раҳмон: тадбиқи манфиатҳои миллӣ ва дурнамои инкишофи тоҷикистон [Матн] / Ф. Музафарзода// Маводҳои конф. ҷумҳ.

“Нақши идоракунии давлатӣ дар раванди саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон” 22-23 апрел. – Душанбе, 2022. - С. 236-241.

**32 - М.** Музафарзода, Ф. Мушкилиҳо ва дурнамои технологияи иттилоотӣ ва телекомуникатсионӣ дар идоракунии муосир [Матн] / Ф. Музафарзода, Сомони А. // “Масъалаҳои мубрами идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”. - Душанбе, 2022. - №2- 4. (6-8). - С.6-14.

Ҳамин тариқ диссертатсияи Музафарзода Фазлиддин дар мавзӯи “Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити низоми нави ҷаҳонӣ (нигохи геополитикӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04. – Проблемаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, инкишофи глобалӣ ва минтақавӣ барои ҳимоя тавсия мегардад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи васеъи кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 марти соли 2022 қабул гардидааст.

Дар ҷаласаи кафедра 18 нафар иштирок намудаанд.
Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 18 нафар, зид – нет, бетараф – нест.
Суратҷаласаи №7 аз 15 марти соли 2022.

**Раиси ҷаласа:**
мудири кафедраи сиёсатшиносӣ
ва робита бо ҷомеа, номзади
илмҳои сиёсӣ Ф. Саидамирова

Котиби ҷаласа: К. Мамадризобекова

Имзоҳои Саидамирова Ф. ва Мамадризобекова К. – ро тасдиқ менамоям.

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИД назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода О.О.

Суроғаи муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33,
Тел: (+992) 987937171,
E-mail: muzafarzoda95@mail.ru
Сомонаи расмӣ: www.apa/tj